Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017 оид ба ҳимояи дисертатсияҳои доктори ва номзадии назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи С.Айнӣ, 44. E-mail: bobozoda.komil@mail.ru Тел: 934 48 88 84

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ализода Олимҷон Маҳмуд дар мавзуи дар мавзуи «Таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методологияи ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.01 – Амнияти иқтисодӣ**

Гузаштан ба низоми хоҷагидории бозорӣ ва ислоҳоти бахши аграрӣ дар заминаи талаботи қонуниятҳои бозор ба ташаккули низоми амнияти озуқаворӣ таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад. Бояд қайд намуд, ки ҳалли масъалаҳои таъмини озуқаворӣ ҳамчун гарави мавҷудият ва рушди ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Таҳқиқотҳои анҷомшуда исбот менамояд, ки мушкилоти таъмини амнияти озуқаворӣ мураккаб ва бисёрҷанба буда, ба тамоми самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ алоқамандӣ дорад. Таъмини озуқаворӣ бо низомҳои мавҷудаи сиёсию иқтисодӣ бо хусусиятҳои низоми хоҷагидорӣ ва анъанаҳои миллӣ робитаи мустақим дорад.

Таъсири бӯҳрони ҷаҳонӣ ва вобастагии ҷиддии бозори милли мо аз воридоти маводи ғизоӣ нигаронии амиқро ба миён овардааст, зеро давраи нави буҳрони ҷаҳоние, ки дар натиҷаи паҳншавии COVID-19 ба вуҷуд омада буд, боиси буҳрони озуқаворӣ гардид. Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки норасоии ғизо новобаста аз пешрафти илму техника, рушди иқтисоди миллӣ, сатҳи рушди саноатии давлатҳо ва зиёд гардидани захираҳои озуқаворӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ҳануз ҳам аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Ҳамаи ин гуфтаҳо аз мубрамият ва рӯзмарра будани мавзӯи интихобнамудаи диссертатсия нувоҳӣ медиҳад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ҳалли мушкилоти таъминоти озуқаворӣ, пеш аз ҳама, бо рушди устувори кишоварзӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти агроозуқаворӣ, таъминоти захиравӣ, баланд бардоштани сифат ва қобилияти рақобатпазирии он алоқаманд аст. Дар вазъияти кунунӣ соҳаи

кишоварзии ватанӣ ноустувор арзёбӣ гардида, сатҳи бо маҳсулоти озуқаворӣи аввалиндараҷа таъмин гардидани аҳолӣ аз воридот вобастагии зиёд дорад. Пӯшида нест, ки таъмини озуқа масъалаи мураккаб ва гуногунҷанба буда, хусусияти ҳам байналмилалӣ ва ҳам миллӣ дошта, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар пасманзари зуҳуроти номусоиди табиию иқлимӣ (камшавии захираҳои об, вазъи экология, тағйирёбии иқлим ва ғайраҳо) шиддат мегирад.

Дар баробари муваффақиятҳо ва дастовардҳои автореферат, ҳамзамон хубтар мешуд, агар муаллиф ба нуктаи зерин низ аҳамият медод:

Дар матн ва мазмуни автореферат аз он ҷумла дар боби 4-ум муаллиф, зимни пешниҳодҳо оиди_коркарди консепсия (доктарина)-и таъмини амнияти озуқаворӣ дар шароити гузариш ба модели иқтисодии индустриалӣ-аграрӣ асосҳои заминавии консепсияи амнияти озуқаворӣ оид ба қабули доктринаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар шароити иқтисоди индусриалӣ-аграрӣ пешниҳод карда шуда, дар бораи самтҳо ва дурнамои таъмини амнияти озуқаворӣ, аз он ҷумла механизми дастгирии содирот ва мусоидат ба воридотивазкунии маҳсулоти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фикру андешаҳои худро баррасӣ намудааст. Аз ин ҷост, ки хубтару беҳтар мебуд, агар муаллиф мушаххастар сарчашмаи маблағгузориҳоро ба амалисозии самтҳои асосӣ ва дурнамои таъмини амнияти озуқаворӣ пешниҳод намуда, саҳми чунин сармоягузориҳоро дар ММД-и кишвар муайян менамуд.

Пешниҳоди мазкур хусусияти маслиҳатӣ дошта, ба мазмун ва мундариҷаи автореферат таъсири манфӣ расонида наметавонад. Аз ин ҷост, ки новобаста аз пешниҳодҳои ҷойдошта автореферати рисолаи докторӣ, таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок мебошанд.

Бинобар ин чунин хулоса намудан мукин аст, ки автореферат дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, ҳал-ли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузоштшударо ифода менамояд. Ҳамчунин натиҷаи ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои

назариявию амалии самтҳои таъмини амнияти озуқаворoccupii Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаи алоҳидаи ҷумҳуриро ифода менамояд.

Умуман, автореферат дар мавзуи «Таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология ва амалия», аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Ализода Алимҷон Маҳмуд, арзандаи дараҷаи илмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.01 - Амнияти иқтисодӣ мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Қурбонзода А.Х.